## ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Саидзода Ниёзмуҳаммад Саид дар мавзуи «Ҷанбаи педагогии ташаккул додани ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол дар ҷараёни корҳои таълимӣ-тарбиявӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст.

Вобаста ба тағйироту дигаргуниҳои азими дар ҳаёти иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии ҷомеа ба амал омада истода, аҳамияти тарбияи арзишҳои ахлоқии насли наврас боз ҳам зарурати бештарро касб мекунад. Мусаллам аст, ки маҳз, таҳкурсии худшиносӣ, таҳаммулпазирӣ, хоксорӣ, ростқавлӣ, поквиҷдонӣ, ватандӯстӣ ва дигар сифатҳои ахлоқии насли наврас дар оила гузошта шуда, ин ҷараён тадриҷан дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ дар шакли боз ҳам мукаммалу густурда идома меёбад. Вобаста ба ин, яке аз воситаҳои ташаккули сифатҳои ахлоқии хонандагон, аз ҷумла мактаббачагони хурдсол тарбия намудани малакаи ҷуръатнокии ахлоқӣ маҳсуб дониста мешавад. Маҳз унвонҷӯ масъалаи мазкурро ба сифати таҳқиқоти диссертатсионӣ интихоб намудааст, бе шубҳа мубрам мебошад.

Унвонҷӯ мубрам будани мавзуи таҳқиқоти илмиро дар муқаддима асоснок намуда, дар дастгоҳи илмии диссертатсия мақсад, вазифа, навгонӣ ва асосҳои назариявию методологии таҳқиқотро муайян намудааст.

Дар натиҷаи омӯзиши сарчашмаҳои таърихӣ, таҳқиқотҳои анҷомдодаи олимони ватанию хориҷӣ ва озмоишҳои тӯлонӣ дар оила ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ унвонҷӯ ба хулоса омадааст, ки дар тарбияи сифатҳои ахлоқии насли наврас тарбияи ҷуръатнокии ахлоқӣ яке аз мавқеъҳои калидиро ишғол менамояд. Унвонҷӯ изҳор менамояд, ки ташаккули тарбияи малакаи ҷуръатнокии ахлоқӣ масъалаи

гуногунпаҳлӯ, мураккаб ва доманадор буда, аз омӯзгорон ва падару модарон кӯшишу заҳмати зиёдро тақозо менамояд.

Диссертатсияи унвонҷӯ Саидзода Ниёзмуҳаммад Саид маҳз ба проблема, мушкилот ва ҳаллӣ масъалаҳои ташаккули тарбияи малакаи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол бахшида шудааст. Унвонҷӯ зимни гузаронидани таҳқиқот пеш аз ҳама мушкилоти мавҷудбударо ҷиҳати дар мактаббачагони хурдсол ташаккул додани малакаи ҷуръатнокии ахлоқӣ ошкор намудааст. Ба ҷумлаи мушкилоти мавҷудбуда зеринҳо зикр карда шудааст: мушкилот байни дарки омӯзгорон масъулияти мактабро оид ба ташаккули малакаи ҷуръатнокии ахлоқӣ дар мактаббачагони хурдсол ва мавҷуд набудани барномаи аниқ оид ба ҳалли масъалаи мазкур; мушкилот байни муқаррар намудани арзишҳои ахлоқӣ ва муқаррароти амалӣ дар вазъияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ; мушкилот байни кӯшиш оид ба нигоҳдории арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ ва самтгирии омӯзгорон ба таҷрибаи мавҷудбудаи тарбияи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол; мушкилот байни стандартҳои омодакардашудаи таълимӣ, нақша ва барномаҳои таълимӣ барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва самаранокии мазмуни онҳо дар мустақилона аз худ кардани арзишҳои ахлоқӣ.

Инчунин унвонҷӯ кӯшиш ба харҷ додааст, ки роҳҳои дарёфти имкониятҳои ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии мактаббачагони хурдсол ва такмили ҷараёни ташаккули сифатҳои ахлоқии хонандагони ин синнусолро тавассути ташкили корҳои тарбиявӣ дар ҷараёни дарс ва корҳои берунасинфӣ пешниҳод намояд.

Унвонҷӯ комилан дуруст изҳори андеша намудааст, ки тамоми тарзи ҳаёти мактаббачагони хурдсол, муошврати ҳаррӯзаи онҳо бо ҳамсолон ва калонсолон, фаъолияти ҳаррӯзаи онҳо ба тағйиротҳои куллии мақсаднок оварда мерасонад, ки дар ин миён талаботи асосии хонандагон дар ҳаёт мавқеи нави иҷтимоӣ пайдо намудан ва ҳангоми

иҷрои фаъолияти манфиатноки ҷамъиятӣ ҷойгоҳи нав ишғол намудан ба ҳисоб меравад.

Дар таҳқиқот он нукта ба эътибор гирифта шудааст, ки тарбияи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол аввал дар шароити оила ташаккул меёбад ва минбаъд инкишофи ин падида дар натиҷаи ҳамкории судманди мактаб ба оила самараи дилхоҳ ба бор оварда метавонад.

Шиносоӣ бо мазмуни автореферат аз он гувоҳӣ медиҳад, ки унвонҷӯ воқеан ба таҳқиқи масъалаи мазкур ҷиддӣ муносибат намудааст. Бо назардошти ин, таҷрибаи оилаҳои муваффақ ва омӯзгорони пешқадамро оид ба тарбияи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол таҳлилу ҷамъбаст намудааст, ки ин кори анҷомдодаи ӯ қобили дастгирист.

Таҳқиқоти анҷомдодаи Саидзода Ниёзмуҳаммад Саид кори анҷомёфта ба ҳисоб рафта, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Муқарриз, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, декани факултети психологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ — Саидзода Низомиддин Тоҷиддин

20.06.2025

Дурустии имзои Н. Саидзодаро «тасдиқ менамоям»
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ — Мустафозода А.

**Маълумот барои тамос:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 16. Тел: 007881055; E-mail: saidov.nizomiddin@mail.ru